Дар ҳақиқат вазнинтарин намоз бар мунофиқон намози хуфтан ва бомдод аст. Ва агар медонистанд дар он ду намоз (чи подоше) аст, барои адои он ҳатто хазида ба масҷид меомаданд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Дар ҳақиқат вазнинтарин намоз бар мунофиқон намози хуфтан ва бомдод аст. Ва агар медонистанд дар он ду намоз (чи подоше) аст, барои адои он ҳатто хазида ба масҷид меомаданд. Ва ба таъкид хостам, ки амр намоям то намоз барпо шавад, сипас ба яке аз мардон амр кунам барои мардум намоз бихонад, сипас ҳамроҳ бо мардоне, ки бастаҳое аз ҳезум ба ҳамроҳ доранд ба сӯйи ақвоме биравам, ки барои намози ҷамоат ҳозир намешаванд, то хонаҳояшонро бо оташ бисӯзонам."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи мунофиқон ва танбалии онон аз ҳозир шудан дар намоз, ба хусус дар намозҳои хуфтан ва бомдод хабар доданд. Ва ин ки агар миқдори аҷру савоби ҳозир шудан дар ин намозҳо ҳамроҳ бо ҷамоати мусалмононро медонистанд, ҳатто монанди кӯдакон хазида бар дасту зону дар ин намозҳо ҳозир мешуданд. Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тасмим гирифт, ки амр кунад то намозро барпо кунанд ва ба ҷои худ мардеро имом интихоб кунад ва сипас худ бо бастаҳои аз ҳезум ба сӯи мардоне биравад, ки дар ҷамоат ҳозир намешаванд ва хонаҳояшонро бо оташ бисӯзонанд. Ва ин ба сабаби сахтии гуноҳе буд, муртакиб мешуданд. Аммо эшон чунин накарданд, зеро дар ин хонаҳо занону кӯдакони бегуноҳ ва дигар касоне ҳастанд, ки узр доранд ва гуноҳе надоранд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3366